# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 пешниҳод гардидааст.

Автореферати диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ ба яке аз масъалаҳои муҳимми ботаника ва экология омӯзиши таркиби дендрофлора, хусусиятҳои фитосенологӣ ва баррасии ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор бахшида шудааст.

Дар кори илмӣ қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ҳамчун минтақаи омӯзиш интихоб гардида, хусусиятҳои географӣ, иқлимӣ ва экологии он ҳамаҷониба таҳлил шудааст. Муаллиф дар асоси маводи саҳроии солҳои 2022–2025 таркиби намудии 120 намуди дарахту буттаҳоро муайян намуда, онҳоро ба 25 оила ва 50 авлод тасниф намудааст.

Аз ҷиҳати навоварӣ, дар диссертатсия бори аввал 34 форматсия ва зиёда аз 150 ассотсиатсия муайян карда шудаанд, инчунин таҳлили муқоисавии дендрофлора бо минтақаҳои ҳамсоя (Дарвоз ва Қаротегин) анҷом дода шудааст. Арзиши илмии кор дар он аст, ки муаллиф на танҳо таркиби флораро муайян кардааст, балки равандҳои сукессия, таъсири омилҳои антропогенӣ ва тағйирёбии иқлимро ба ҳолати типҳои наботот ва экосистемаҳо нишон додааст.

Натиҷаҳои пешниҳодшуда дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар соҳаи ҳифзи табиат, ҷангалпарварӣ ва таҳияи барномаҳои экологии кишвар истифода шаванд.

Дар автореферат бо назардошти он ки дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот натиҷа ва маълумотҳои назарраси илмӣ ба даст оварда шудаанд, баъзе норасоиҳо ва камбудиҳои техникӣ низ ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Дар зербоби таърихи ташаккули омӯзиши дендрофлора аз муҳаққиқони дохилии кишвар кам маълумот оварда шудааст.
2. Дар матни диссертатсия баъзен хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ ҷой дорад.

Ин камбуди ба мазмун ва арзиши илмии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф ба назар гирифта шаванд.

Бояд қайд кард, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва талил карда шудаанд.

Хулоса, диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки

бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйири иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводҳои илмӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, муаллиф ба гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
Дотсенти кафкедраи биологияи
тиббӣ бо асосҳои генетика ба номи
профессор Н.Б. Бердиева, МДТ ДДТТ
ба номи Абӯалӣ ибни Сино Нарӯзшоева Г.Х.
«22» 06 2026.

**Суроға** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Испечак 2 хонаи 10/3. Тел. 93- 463-83-75

Имзои Наврӯзшоева Г.Х. –ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати рушди кадрҳои
МДТ ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино Сафаров Б.

**Суроғаи муассиса:**
**Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Сино, 29-31.
Тел./Fax.: +992 (37) 446-600-3977, 235-34-96
E-mail:info@tajmedun.tj; Сомонаи расми:
https:// www.tajmedun.tj
«22» 06 2026